«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илми биология, профессор
____________ Давлатзода С.Х.
«____» ________________ 2023.

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.04. – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқу баррасӣ қарор додани тасвироти шоирона ва ба ин васила таъйини ҳунари эҷодӣ ва диди эстетикии шоирони як марҳалаи адабӣ ва ё суханварони ҷудогона, ки аз масоили муҳимми поэтика маҳсуб мешавад, дар адабиётшиносии тоҷик хеле кам мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Дар адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ образҳои шеърие ҳастанд, ки аз ибтидои адабиёт то ба имрӯз дар шеър ҳузур доранд ва ҳам дар баёни маънию ҳам дар тарзи тасвирҳои шоирона нақши калидӣ бозидаанд. Яке аз ҳамин гуна образҳои шеърӣ «боди сабо» мебошад, ки собиқаи куҳан дошта, тасвири густардае дар адабиёти оламшумули мо дорад, ки мутаассифона, ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Ба ҳамин хотир, мавзуи диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» аз нигоҳи имрӯз мубрамият дошта, хеле актуалӣ ва бамаврид мебошад.

Масоили баррасишаванда дар ин таҳқиқ, аз ҷумла сайри таърихии тасвири «боди сабо» дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, шарҳу тафсири «сабо» дар луғату фарҳангҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ, «боди сабо» – мабдаи тасвир, «боди

сабо» – воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ, тасвири боди сабо ба сифати унсури табиат, мушаххасоти боди сабо, «боди сабо» - воситаи тасвир, «сабои орифона», нақш ва вазифаҳои «сабои орифона», хусусиятҳои бадеии «боди сабо» дар тасвирҳои шоирона аз ҷумлаи масъалаҳое ҳастанд, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқи монографӣ қарор мегиранд. Маҳз дар ғазали асри XIV мавриди таҳқиқ қарор гирифтани тасвири «боди сабо» низ бе сабаб нест, зеро бо зуҳури шоирони ғазалсарое, амсоли Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ, Убайди Зоконӣ, Носири Бухороӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ибни Ямини Фарюмадӣ ва чанд тани дигар дар ин аср садсолаи мазкур даврони ривоҷи ғазалсароӣ маҳсуб мешавад ва ин жанри шеърӣ дар эҷодиёти бузургтарин шоири ин аҳд – Ҳофизи Шерозӣ ба қуллаи камолоти худ расидааст. Бидуни шубҳа, бо таҳқиқи мавзуи мазкур дар ғазалиёти шоирони ин аҳд метавон ба бисёр масъалаҳои марбут ба мавзуъ ҷавоб ёфт.

Ҳарчанд дар таҳқиқоти донишмандони ватанию хориҷӣ доир ба паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти шоирони асри XIV, алалхусус Ҳофизи Шерозию Салмони Соваҷӣ ва Носири Бухороиву Камоли Хуҷандӣ маълумоти пурарзиш ба назар мерасад, аммо дар ҳеч яке аз онҳо масъалаҳое, ки муаллифи диссертатсия зери унвони «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор додааст, ба назар намерасанд. Шореҳони асримиёнагию муосир ва муҳаққиқони адабиёти бадеии ин аср зимни шарҳу тафсири абёти шоирон бо мафҳуми «боди сабо» вохӯрда, бо такя ба луғату фарҳангҳо онро ҳамчун «боди хуш», «насими форам» тафсир кардаанду бас. Аммо дар диссертасияи М.Э. Забирова сайри таърихии тасвири «боди сабо» аз ибтидои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то асри XIV баррасӣ шуда, шеваи тасвири «боди сабо» дар ғазалиёти шоирони асри XIV ба таври монографӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик сухани тоза аст.

Диссертатсияи М.Э. Забирова дар ҳаҷми 174 саҳифаи компютерӣ танзим шуда, аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслу зерфаслҳои алоҳидаанд, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Воқеан, бобу фаслҳо ва зерфаслҳои

диссертатсия чунон тарҳрезӣ шудаанд, ки ҳеҷ як масъалаи марбут ба мавзуъ дар канор намондааст.

Дар муқаддима унвонҷӯ перомуни мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, усулҳои пажӯҳиш ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии он, арзишҳои амалию назарии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натоиҷи бадастомада изҳори назар кардааст, ки ҳама қобили қабул аст.

Боби аввали диссертатсия «Сайри таърихии тасвири боди сабо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Унвонҷӯ нахуст бо такя ба андешаҳои назарияпардозони варзидае, монанди Э.Е. Шаталов ва В.Г. Белинский перомуни робитаи ногусастании инсону табиат ва нақши табиат дар шеър изҳори назар мекунад ва ба хулосае меояд, ки инсони эҷодкор аз табиат ва муҳити иҳотанамудааш илҳом мегирад. Аз назари унвонҷӯ чигунагии тарзи тасвир ба маҳорат ва ҳунари шоир вобаста аст ва барои тасдиқи фикраш такя ба гуфтаи мунаққиди бузурги рус В.Г. Белинский мекунад, ки гуфтааст: «даҳои адабӣ чӣ қадар бузург бошад, ӯ табиатро ҳамон андоза мукаммалу возеҳ ба тасвир меоварад ва робитаи устувори ӯро бо ҳаёт таъйин менамояд» [Диссертатсия, саҳ.10]. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки пеш аз баррасии мавзуъ М.Э. Забирова бо такя ба гуфтаҳои донишмандоне, амсоли Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ ва Маҳмуди Футуҳӣ перомуни истилоҳи адабии тасвир, хаёл, имож, сурат баҳс ороста, дараҷаи корбурди онҳоро дар рисолаҳои адабиётшиносии асримиёнагӣ ва асарҳои таҳқиқотии муосир нишон медиҳад.

Воқеан, «барои таҳқиқи амиқи тасвири муайяни шоирона бояд сарчашмаи пайдоиш ва омилҳои инкишофу такомули онро муайян кард, зеро бе донистани манбаи пайдоиши тасвири муайяни шоирона дарки ҳамаҷонибаи он аз имкон берун аст» (Диссертатсия, саҳ.,12). Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия дар фасли аввали боби якум шарҳу тавзеҳ ва таърифи мафҳуми «боди сабо»-ро дар фарҳангу луғатҳо ва асарҳои тадқиқотӣ ҷустуҷӯ намуда, натоиҷи баррасию муқобалаи худро аз шарҳу тафсири он ба панҷ

қисмат табақабандӣ намудааст, ки заминае барои шинохти дурусти маънои луғавӣ ва рамзии боди сабо гардидааст.

Фасли дуюми боби якум «Боди сабо - воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ» унвон дорад. М.Э. Забирова бар он андеша аст, ки барои шинохти воқеии тасвири боди сабо дар ғазалиёти шоирони асри XIV бояд пайдоиш ва сайри таърихии ин образи шеъриро аз ибтидои адабиёти форсии тоҷикӣ то асри XIV баррасӣ намуд. Аз ин рӯ, унвонҷӯ сабабҳои пайдоиш ва заминаҳои фарҳангию адабии таҳаввули тасвири «боди сабо»-ро ба ҳайси маърифат ва тасвири бадеӣ дар адабиёти асрҳои X-XIII баррасӣ намуда, нақш ва вазифаҳои ин образи шеъриро дар шеъри ин давра мушаххас намудааст. Хулосаҳое, ки диссертант аз баррасии ин масъала ба даст овардааст, пояи илмӣ дошта, заминае барои шинохти дурусти тасвири ин образи шеърӣ дар ғазали асри XIV гаштааст. Аз ҷумла, хулосаи зерини муаллифи диссертасия чигунагии тарзи тасвир ва маънии боди саборо дар адабиёти давраи мазкур ба дурустӣ нишон медиҳад: «Боди сабо дар тасвири шоирони асрҳои X-XIII ҳам ба маънии луғавӣ ва ҳам ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст. Миёни маънии луғавӣ ва рамзии ирфонии боди сабо он қадар фарқи куллӣ нест, зеро маънии рамзии ирфонии боди сабо аз маънии луғавии он бархостааст. Сифату моҳияти боди сабо, чун саҳар вазидан, бӯйи хуш доштан, паём овардану қосиди байни ошиқу маъшуқ будан, ҳам дар шеъри шоирони ғайрисуфӣ ва ҳам шоирони суфимашраби асри XIV ба назар мерасад. Агар дар шеъри шоирони ғайрисуфӣ *боди сабо* ба сифати як падидаи табиат ин сифатҳоро доро бошад, дар шеъри шоирони ориф ва мутаассири шеъри суфия мақоми руҳоният касб мекунад, ки аз арш мехезаду роҳ ба «ҳарими ҳарами ҷонон (маъшуқи азалию абадӣ)» дорад» (Диссертатсия, саҳ.,55).

Боби дуюми диссертатсия «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст, ки ҳар як фасл дорои ду зерфасл аст. Дар ин боб тасвири «боди сабо» ба таври густарда дар ғазали шоирони асри XIV мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифтааст. Баррасии мавзуъ

диссертантро ба натиҷа овардааст, ки дар ғазали асри XIV ду тарзи тасвири боди сабо мушоҳида мешавад: Дар қисмати аввал **сабо** ба сифати мабдаи тасвир ва дар қисмати дувум **сабо** ба ҳайси воситаи тасвир ба кор рафтааст. Унвонҷӯ ҳар ду қисматро, ки дорои мавзую мативҳои зиёде ҳастанд, ҷудогона баррасӣ намуда, тарзи тасвири боди саборо дар ғазали ин давра дақиқ нишон медиҳад.

Дар фасли якуми боби дуюм, ки «Сабо-мабдаи тасвир» унвон дошта, аз ду зерфасл иборат аст, сабо ба ҳайси мабдаи тасвир дар ғазали шоирони ин сада ба таври густарда таҳқиқ шудааст. Бино ба таъкиди унвонҷӯ, дар қисмати аввал сухан бевосита дар бораи боди сабо, мушаххасот ва амалиёти он меравад. Ба ин маънӣ, диссертант зерфасли аввали фасли якумро «Тасвири сабо ба сифати унсури табиат» унвон гузошта, бо далелҳои илмӣ ва шавоҳиди шеърӣ нишон медиҳад, ки гарчанде дар асри XIV тасаввуфу ирфон ба ҳадди камоли худ расида ва ҳеҷ як шоири ин даврон аз таъсири он дар канор намонда буд, аммо дар ғазали ин давра сабо, пеш аз ҳама, ба сифати як унсури муъҷизаосои табиат тасвир шудааст.

Унвонҷӯ зерфасли дуюми фасли аввали боби дуюмро «Мушаххасоти боди сабо» унвон гузошта, хусусиятҳои сабо ва моҳияту вазифаҳои онро, ки дар ашъори шоирони асри XIV ба тасвир омадааст, мавриди таҳқиқ қарор дода, мушаххасоти боди саборо бо далоили илмӣ ва шавоҳиди шеърӣ собит менамояд. Аз таҳқиқи М.Э. Забирова бармеояд, ки суханварони бузурги асри XIV чун Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ, Носири Бухороӣ, Убайди Зоконӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон ҳарчанд шоири орифанду андешаҳои ирфонӣ лобалои ашъори онҳо ҳузур дорад, аммо сабо дар ғазалиёти ин шоирон, пеш аз ҳама, як падидаи табиати афсункор аст, ки бо тамоми мушаххасоти худ ба тасвир омадааст. Муаллифи диссертатсия тасвири боди саборо аз диди зебописандии шоирони ин аҳд ба риштаи таҳқиқ кашида, тамоми мушаххасоти боди сабо, аз ҷумла саҳаргоҳон, нарму мулоим ва оҳиста вазидани насими сабо, ки аз ин дидгоҳ инсони бемореро мемонад, ки оҳиста роҳ меравад, дам мегираду нафас рост мекунад ва боз ҳаракат мекунад, бо

шоҳиди шеърӣ ва далоили илмӣ собит намудааст. Хулосаи диссертант дар ин масъала, ки пояи илмӣ дорад, қобили қабул аст: «Ҳангоми тасвири хусусиятҳои сабо шоирон бештар ин мафҳумро ба сифати мабдаи тасвир ба кор бурдаанд, аммо аз он ҷо, ки ғазали ин даврон ғазали талфиқ асту дар баробари маънии луғавии калимот маънои рамзии ирфонии вожаҳо ҳузур дорад, гоҳе сабо воситаи баёни андешаҳои ирфониашон гаштааст» (Диссертатсия, саҳ.75).

Фасли дувуми боди дувум «Сабо - воситаи тасвир» унвон дошта, аз ду зерфасл иборат аст. Аз таҳқиқи муаллифи рисола бармеояд, ки боди сабо дар тасвири шоирони асри XIV дар баробари мабдаи тасвир будан воситаи тасвир низ ҳаст. Яъне, дар ин қисмат маънию мавзуоти дигар ба воситаи мафҳуми боди сабо баён шудаанд. Унвонҷӯ аз таҳқиқи ин масъала ба натиҷа мерасад, ки барои шоирони асри XIV боди сабо монанди калимоти калидии дигари шеърӣ ба ҳайси воситаи тасвир ба кор рафтааст. Яъне, шоирон сабоeffro барои тасвири мавзуоти дигар, алалхусус ҳангоми баёни мавзуи ишқ, ба кор бурдаанд. Аз ин дидгоҳ, ба андешаи диссертант, «боди сабо аз як унсури табиат фаротар рафта, шахсият касб мекунад, ҳамдаму ҳамрози қаҳрамони лирикӣ мегардад. Шоирони ин даврон, ки аксар шоирони ориф ҳастанд, ба воситаи сабо ва муродифҳои он андешаҳои ирфониашонро баён кардаанд» (Диссертатсия, саҳ.,75).

Зерфасли аввали фасли дуюм «Сабои орифона» номгузорӣ шудааст. Диссертант нахуст бо такя ба луғату фарҳанг ва рисолаҳои таҳқиқотие, ки доир ба тасаввуфу ирфон иншо шудаанд, мафҳуми «сабои орифона» ва ё худ «сабои суфиёна»-ро равшан менамояд ва монандию фарқиятҳои сабои орифонаро аз сабои табиӣ бо далелҳои илмӣ собит менамояд. Аз таҳқиқи унвонҷӯ бармеояд, ки шоирони асри XIV, ки аксар шоирони ориф ҳастанду андешаҳои ирфонӣ дар ғазалиёти онҳо мақоми хос дорад, ба воситаи сабо ва муродифҳои он, монанди насим, бод, насими субҳгоҳӣ, боди субҳгоҳӣ баёни андеша кардаанд. Илова бар ин, ба воситаи вожаи «сабо» таркибу ибораҳои шоиронаи зиёде офаридаанд, ки ҳар як маъное ба худ дорад. Натиҷае, ки

муаллифи рисола аз таҳқиқи ин масъала ба даст овардааст, хеле ҷолиб буда, маънии боди саборо ба ҳайси воситаи тасвир дар ғазали асри XIV ба дурустӣ муайян менамояд: «Бо вуҷуди ин ҳама, нуктаи ҷолиб он аст, ки «сабо» дар байтҳое, ки ба ирфон ихтисос доранд, аз маънои луғавии худ, яъне ҳамон насими хуши баҳорӣ дур намемонад. Яъне, сояи маънои луғавии сабо дар «сабои суфиёна ё худ орифона» низ ҳузур дорад» (Автореферат, саҳ.,20).

Дар зерфасли дуюми фасли дуюм, ки «Нақш ва вазифаҳои сабои орифона» унвон дорад, М.Э. Забирова мақоми боди сабо ва вазифаҳои онро дар ғазалҳои ирфонии шоирони асри XIV мавриди таҳқиқ қарор дода, бо шоҳиди шеърӣ ва далелҳои илмӣ нақш ва ҳунару вазифаҳои боди саборо собит намудааст. Аз ҷумла, муаллифи рисола таъкид мекунад, ки муҳимтарин нақш ё худ вазифаи *сабо* пайк, қосид миёни ошиқу маъшуқ будани ӯст ва ҳамин вазифа бо тарзу тобишҳои гуногуни сохторию маъноӣ дар ғазали шоирони ин аср ба тасвир кашида шуда, ки ҳоизи аҳамияти эстетикию адабист. Ба ҳамин минвол нақшу вазифа ва хислатҳои хосси боди сабо, монанди посбони маъшуқ будани сабо ва бо ин васила рашки қаҳрамони лирикӣ ба ӯ, маҳрами ҳарими ҷонон будан, ба зулфи ёр дастдарозӣ кардан, ғаммоз будани сабо ва ғайра ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, арзиши адабию эстетикии онҳо нишон дода шудааст. Хулосаи муаллифи рисола аз таҳқиқи ин масъала пояи илмию мантиқӣ дошта, масъаларо комилан равшан мекунад: «Дар ғазали давраи мавриди таҳқиқ мафҳуми *боди сабо* чун воситаи тасвир барои баёни андешаҳо, алалхусус андешаҳои ирфонӣ дар ашъори аксари шоирон мушоҳида мешавад. Сабо дар ғазали орифонаи ин аҳд танҳо ба маънии «нафаҳоти раҳмонӣ» маҳдуд намегардад. Сабо гоҳе ҳамон ҳотифи ғайбӣ ва ё суруши олами ғайб аст, ки ба гӯши дили солики тариқат пайғоми маъшуқи азалиро мерасонад. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки дар шеъри ирфонии шоирони ин аҳд сояи маънои луғавии боди сабо дар баробари маънои рамзии ирфонии он ҳузур дорад» (Диссертатсия, саҳ., 105).

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии «боди сабо» дар тасвирҳои шоиронаи ғазали асри XIV» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб диссертант тасвирҳои шоиронаро, ки суханварони ин аҳд ба воситаи мафҳуми сабо офаридаанд, ҳаматарафа таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои ҳунарии онҳоро нишон додааст. Фасли якуми боби сеюм «Корбурди санъатҳои лафзӣ дар тасвирҳои шоирона» унвон дошта, дар он истифодаи санъатҳои лафзӣ ҳангоми тасвири *сабо* дар ғазали ин аср таҳқиқ шудааст. Аз таҳқиқи муаллифи рисола бармеояд, ки санъатҳои лафзӣ, ки аслан барои ороиши сухан хидмат мекунанд, дар ғазали шоирони асри XIV ҳангоми тасвири боди сабо дар тасвирҳои шоирона дар баробари ороиши сухан бори маънӣ ба дӯш доранд. Унвонҷӯ барои тасдиқи фикраш байтҳое аз шоирони ин аҳд далел меоварад ва онҳоро ҳаматарафа шарҳу тавзеҳ медиҳад. Баррасии ин масъала унвонҷӯро ба чунин хулоса оварда, ки қобили қабул аст: «Мафҳуми боди сабо чун воситаи тасвир, ҳам барои ифодаи маънӣ ва ҳам барои ороиши сухан дар ғазали шоирони мавриди таҳқиқ ба назар мерасад. Ҳангоми тасвири боди сабо дар ашъори шоирон чизе, ки пеш аз ҳама, диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад, дар баробари боди сабо корбурди Сабо ба маънии шаҳр аст. Аксари шоирон бо ин ду калимаи ҳамшакл, ки дар илми бадеъ таҷнис мегӯянд, ҳам маънии олиеро ироа кардаанд ва ҳам ин мафҳумҳо дар ороиши сухани онҳо хидмат кардааст» (Автореферат, саҳ.,23).

Дар фасли дуюми боби сеюм, ки «Корбурди санъатҳои маънавӣ дар тасвирҳои шоирона» ном дорад, тарз ва шеваи истифодаи санъатҳои маънавӣ дар тасвирҳои шоирона, ки дар ғазали ин аҳд бо мафҳуми боди сабову муродифҳои он офарида шудаанд, таҳқиқ шудааст. Аз таҳқиқи муаллифи диссертатсия бармеояд, ки тасвирҳои шоирона бо истифода аз мафҳуми сабову муродифҳои он дар ғазали шоирони асри XIV хеле зиёд ва дар айни замон устодонаву ҳунармандона, бо истифода аз санъатҳои бадеӣ ба тасвир омадаанд, ки намоёнгари камолоти сухани шоирони ин даврон аст. Илова бар ин, муаллиф нишон медиҳад, ки дар тасвирҳои шоиронаи ғазали асри

XIV мафҳуми сабо бо муродифҳояш истифода шудааст, ки шоирон ба воситаи ин мафҳум ибораву таркиботи зиёде офаридаанд. Ин таркибу ибораҳо агар аз як сӯ, бо истифодаи муродифҳои *боди сабо* эҷод шуда бошанд, аз сӯйи дигар, сифату амали боди сабо муҷиби эҷоди чунин таъбирот гаштааст. Унвонҷӯ корбурди санъатҳои мухталифи бадеиро дар ҳар як байт ошкор намуда, таъкид мекунад, ки дар ғазали ин аҳд дар як байт чандин санъат ба кор рафтааст. Бардошти унвонҷӯ аз таҳқиқи масъала пояи илмӣ дошта, дарки дурусти мавзуъро нишон медиҳад: «Гарчанде санъатҳои лафзӣ бештар барои ороиши сухан дар ашъори шоирон ба кор меравад, аммо дар тасвирҳои шоиронаи ғазали асри XIV санъати лафзӣ низ дар баробари ороиши сухан бори маъниро мекашад. Ба таъбири дигар, санъатҳои бадеӣ, чи лафзӣ ва чи маънавӣ дар ғазали ин даврон ҳар ду накшро бозидаанд» (Диссертатсия,саҳ.,150).

Дар хулосаи диссертатсия ба таври ҷомеъ натоиҷи таҳқиқи М.Э. Забирова аз таҳқиқи мавзуъ баён шуда, ки пояи илмӣ доранд. Рӯйхати адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб гардидааст.

М.Э. Забирова дар рафти таҳқиқ маводи фаровон ва арзишмандро ҷамъ овардааст ва барои собит намудани андешаҳои худ ба осори таълифшудаи асримиёнагӣ ва асарҳои тадқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, ақидаҳои худро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуъ баён карда, гоҳе ба андешаҳои онҳо ба назари интиқодӣ нигаристааст.

Забони диссертатсия забони илмӣ буда, баёнгари дониши фароҳи муаллиф доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ аст. Диссертант аз равишҳои таҳқиқии муосир, алалхусус равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва ғайра огоҳона истифода бурда, мавзуъро ба таври комил ҳаллу фасл намудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи мавриди назар баъзе норасоиҳо ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1. Дар мавриди истилоҳи тасвир, хаёл, сурат, имож муаллифи диссертатсия бештар ба андешаҳои муҳаққиқон такя мекунад ва гуфтаҳои онҳоро табақабандӣ намуда, шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар ин масъала андешаи худи унвонҷӯ камтар ба назар мерасад.

2. Дар мавриди сайри таърихии ғазал дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ асарҳои тадқиқотии зиёде навишта шудаанд, унвонҷӯ қисмати бештари онҳоро дар «Рӯйхати адабиёт» зикр мекунад, аммо дар «Муқаддима» танҳо муҳимтарини онҳоро мавриди таҳилу баррасӣ қарор додааст.

3. Баъзе байтҳои шоирони асри XIV чанд бор ба сифати шоҳиди шеърӣ ба такрор омадаанд. Гарчанде ин абёт барои исботи фикрҳои гуногун омадаанд, аммо муаллиф метавонист байтҳои нав интихоб кунад.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, хусусан дар навиштани калимаҳои арабӣ, ки бо имлои нав мувофиқ нестанд.

Эродҳои баёнгашта ҷузъӣ буда, ҳаргиз арзиши илмии рисоларо намекоҳанд.

Муҳтавои рисола бо фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ иншо шудааст, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф пурра инъикос мекунанд. Диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқ аст. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масоили таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои чопнамудаи унвонҷӯ муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунанд.

Диссертатсияи номзадии Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, тадқиқоти пурра анҷомёфта маҳсуб меёбад ва муаллифи он сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 16-уми марти соли 2023, суратҷаласаи №8 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 15-нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 - нафар, «зид»- нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илми филология, дотсент** **Аҳмадов Сафармад Гадомадович**

**Эксперт:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология,**
**саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик** **Ҳакимов Саъдулло Тағаймуродович**

**Имзоҳои С. Аҳмадов, Р.Тағаймуродов ва С. Ҳакимовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ" ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«16» марти соли 2023.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**